# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе,2024. -57с.(тоҷикӣ ва русӣ)**

Яке аз масъалаи муҳимми илмии забоншиносӣ таҳқиқи вижагиҳои вожагонӣ забони осори ниёгон ва, махсусан, осори адабиёти классикии тоҷик ба шумор меравад.Дар робита ба таҳқиқи ин осор корҳои зиёди илмӣ сурат гирифта бошад ҳам, дар самти баррасии қабатҳои луғавии осори давраҳои гуногуни адабиамон масъалаҳои ҳалнашуда зиёданд.Дар миёни масоили зиёди мубрам таҳқиқи вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба шумор меравад.Баррасии қабатҳои луғавии осори ин адиби забардаст ва таҳқиқи қолибҳои калимасозӣ ва муқоисаи давраҳои баъдӣ тавассути таҳқиқоти дигари илмӣ муфид арзёбӣ мегардад.

Баррасии автореферати диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек таҳти унвони «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулоҳи Рӯдакӣ» ба ин андеша водор месозад, ки ҷиҳати ҳалли масоили вожагонии осори устод Рӯдакӣ ва муайян сохтани роҳҳои калимасозии осори ин адиб унвонҷуй аз роҳу равиш ва усулҳои дурусти илмӣ истифода кардааст, ки барои матраҳ сохтани вазифаҳои дар наздаш гузошташуда мусоидат кардаанд.**Дар асоси автореферати мундариҷаи диссертатсия**

аз ихтисоршудаҳо, муқаддима, ду боб, хулоса, руйхати адабиёт ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст.Дар муқаддимаи автореферат мутобиқи анъанаи муқаддиманависие, ки КОА муайян сохтааст, амал карда, ҳар банди онро ба таври мукаммал пешниҳод намудааст. Бандубасти кори диссертатсионӣ мутобиқи ҳадафҳои дар пешгузоштаи унвонҷӯй бо низоми муайян ба роҳ монда шуда, таҳлилҳо пайдарпай ва мантиқӣ мебошанд.

**Боби аввал «Таҳқиқи қабатҳои луғавии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** номгузорӣ шуда, иборат аз се фасл мебошад.Дар ин боб ба масъалаи баррасиҳое, ки дар рӯдакишиносӣ сурат гирифтааст, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, дуруст зикр мегардад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои забони осори устод Рӯдакӣ диққати забоншиносон камтар зоҳир шудааст. Дар фасҳои таҳқиқии ин боб ба масоили назариявии соматизмҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда, андешаҳои донишмандони зиёде матраҳ шудааст.Бо истифода аз назариёти

мавҷудаи илмӣ ба муаллифи диссертатсия муяссар шудааст, ки дар доираи маводи осори устод Рӯдакӣ калимаҳои марбут ба узвҳои бадани инсон ва вожаҳои мансуб шахсро мавриди баррасии амиқи илмӣ карор бидиҳад.

**Боби дуюм «Таҳқиқи сохтории таркиби луғавии ашъори устод Рӯдакӣ»** ном дорад, ки дорои чор фасл мебошад.Зикри ин нукта ҷолиб аст, ки унвонҷӯй дар ин боб аз осори ҳангуфти ба масъалаи калимасозӣ марбутаро истифода карда, маводи устод Рӯдакиро таҳқиқ намудааст.Дар баррасии унвонҷӯй пасвандҳои исмсозу сифатсоз ҷойгоҳи махсус касб кардааст. Дар алоҳидагӣ таҳқиқи илмӣ кардани ҳар пасванди калимасоз, самараи хуби таҳқиқӣ ба бор овардааст.

Дар баробари пасвандҳо калимаҳои мураккаби пайвасту тобеи исмию сифатӣ баррасӣ шуда, қолибҳои калимасозии онҳо муайян гардидаанд. Зимни таҳқиқ омори калимаҳои сохтаю мураккаб аз рӯйи ҳар колиб нишон дода мешавад.Дар кор хусусиятҳои муродифшавию мутазодд будани калимаҳо ва хосияти ҳамгунии онҳо низ дарҷ гардидааст.Дар хулосаи диссертатсия фикру андешаҳои худро муаллиф дар дувоздаҳ банд ҷамъбаст карда, дар чор банди дигар «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ» оварда шудааст.

Автореферат бо забони фасеҳ ва дастрас нигошта шуда, ба гунаи русӣ мувофиқати комил дошта, натиҷаҳои кори таҳкикотии унвонҷӯйро

инъикос мекунад.Таҳлилҳо пурра хусусияти илмӣ дошта, зиёдаравӣ ва ё берун рафтан аз мавзуи асосӣ ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ ба мушоҳида намерасад.Дар ин замина, бо дилпурӣ метавон гуфт, ки мақсаду вазифаҳои диссертатсия дар ду боби таҳқиқӣ:

«Таҳқиқи қабатҳои луғавии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва«Таҳқиқи сохтории таркиби луӯавии ашъори устд Рӯдакӣ», ки аз фаслу зерфаслҳо иборатанд, ҳалли худро ёфтаанд. Аз баррасии бобҳо маълум аст, ки унвонҷӯй аз асарҳои олимони маъруфи забоншиносӣ огоҳии комил дорад ва аз онҳо тавонистааст, ки самаранок истифода намояд.Бо ҳамин метавон гуфт, ки кори диссертатсионии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» дорои арзиши муайяни илмию амалӣ буда, дар пешбурди рӯдакишиносӣ қадами ҷиддӣ ба шумор меравад.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо дида мешавад:

1. Дар автореферати диссертатсия пасвандҳои зиёди калимасозро оварда, дар назми устод Рӯдакӣ муҳим будани онҳо зикр мегардад, аммо ба таври васеъ танҳо пасванди –й/-гӣ баррасӣ шудааст (саҳ. 14-15).Хуб мебуд агар боз яке аз пасвандҳои дигар ҳам таҳқиқи васеътар мешуд.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд (саҳ.9,15,19).

Норасоиҳои мазкур ҷузъӣ буда, қимати асосии илмии диссертатсияро кам намекунанд. Кори таҳқиқоти мазкур аз рӯйи фарогири ва таҳлили маводи забонии барчида аз осори устод Рӯдакӣ,

истифодаи осори илмӣ-тадқиқотӣ комил буда, кори бaaнҷомрасида илмӣ ба шумор меравад. Муаллиф оид ба мавзуъ 7 мақолаи илмӣ, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки муҳтавои кори илмиро инъикос мекунанд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ, мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз,** мудири кафедраи забони
тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
номзади илмҳои филологӣ: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.Кӯшониёт, ҷ/д Бустонқалъа, деҳаи
Механизатор, хонаи 42, Тел: (+992) 902017676

Имзои Назаров Меҳрубон Ниёзмадовичро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт:
www.ktsu. edy.tj

Сана: 17.04.2024